«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, профессор**
**_______________ Маҳмадёрзода У.М.**
**«___» ____________ соли 2024**

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

1 **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи “Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)” дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) таҳия шуда, ба бандҳои 2.2., 2.14, 3.4, 3.20, 3.21, 3.25 аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

2 **Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт, хусусан ба хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ ва истифодаи самараноки он яке аз равандҳои муҳим ва асосии таъмини рушди устувори соҳа, амнияти озуқаворӣ, заминаи муҳими боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, таъмини сармоягузорӣ барои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, масъалаҳои асосии иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Зеро гузариш аз иқтисодиёти агросаноатӣ ба иқтисодиёти саноатию аграрӣ, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти захираҳои инвеститсионӣ, истифодаи ҳадафнок ва самараноки сармоягузориҳо вобастагӣ дорад. Чунин мақсадгузорӣ дар навбати худ, мутахассисон ва роҳбарони корхонаҳоро водор месозад, ки дар бораи усулҳо, сарчашмаҳо, таснифот, вижагиҳо ва афзорҳои сармоягузориҳо ва механизмҳои амалигардонии фаъолиятҳои сармоягузорӣ маълумоти кофӣ дошта бошем. Дар баробари мушкилоти номбурда имрӯзҳо фаъолияти сармоягузорӣ, бахусус таъмини сармоягузории саноатикунонии иқтисодиёти агросаноатии ҷумҳуриро мушкилоти

норасоии сармоягузорҳо, истифодаи ғайримақсадноку самарноки сармоягузориҳо низ пайгирӣ менамояд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи таъмини сармоягузории саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳуриро дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС муҳим арзёбӣ менамоям.

3 **Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ, усулӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ оид ба ташаккулу равнақи раванд ва таъмини сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон таҳқиқ гардида, муқаррароти илман асоснокгардида, ҷиҳати дар назария ва амалия истифодашаванда пешниҳод шудаанд:

-асосҳои назариявию методологии сармоягузориҳо тақвияту тавсеа дода шуданд, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва усулҳои сармоягузориҳо, бахусус сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС ва нақши онҳо дар рушди истеҳсолоти агросаноатӣ муайян ва мукаммал гардонида шуданд;

- хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди раванди таъмини сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахш ошкор ва усулҳои муосири арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ муайян ва арзёбӣ гардидаанд;

- ҳолати кунунии фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои сектори аграрӣ дар заминаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ таҳлил ва баҳодиҳӣ гардидаанд;

- самтҳои рушди таъмини равандҳои сармоягузории саноатикунонии иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла танзими давлатии сармоягузориҳо, маблағгузориҳо барои таҷдиди сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, хусусан вилояти Хатлон бо назардошти таҷрибаи мамолики дорои сектори аграрии рушдкарда асоснок ва арзёбӣ шуданд;

- таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат бо назардошти истифодаи самараноки сарчашмаҳои молиявии худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ, дар қаринаи ҷорисозии инноватсияҳо дар КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ баҳодиҳӣ ва дурнамо шуданд;

- оид ба рушди равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, аз ҷумла таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон бо назардошти ба инобат гирифтани афзорҳои сиёсати истеҳлокӣ ва молиявӣ дар пасманзари таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар матрисаи тавсияю пешниҳодоти илман асоснокшуда коркард шудааст.

Инчунин, зимни таҳқиқот дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки фарогири нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд:

- тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявию методологӣ, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии сармоягузориҳо ва таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта;

- хусусиятҳо, омилҳо ва принсипҳои ба таъмини рушди сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ таъсирбахш ва омӯзиши усулҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосии онҳо;

- арзёбии вазъи кунунии равандҳои сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон;

- муқаррарсозии самтҳои рушди чараёнҳои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта;

- дурнамои таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳои саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаҳои агросаноатии вилояти Хатлон;

- пешниҳодот ва коркардҳои илман асоснокшуда оид ба рушди равандҳои инвеститсионию инноватсионӣ ва фаъолгардонии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои агросаноатии вилояти Хатлон дар асоси таҷрибаи хориҷӣ.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз шиносоӣ ва арзёбии муҳтавои ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Холов А.М. бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмии унвонҷӯ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки унвонҷӯ қобилияти мустақилона баҳодиҳӣ намудани масоили иқтисодию молиявии самти таҳқиқоташ ва хулосабарорию пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳоро дорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Аз таҳлилу арзёбии кори илмӣ бармеояд, ки давраҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, бахусус интихоби мавзуъ, муайянкунии муҳиммият, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳаммиятнокии он бевосита аз ҷониби диссертант таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои диссертатсия дар таҷрибаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи Хатлон барои рушди чараёнҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ барои истифода пешниҳод шудаанд, ки санадҳои тасдиқи онҳо маҳфуз ҳастанд ва ҳамчунин маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаллиф ҷамъоварию таҳлилу натиҷагирӣ намудааст, ҳангоми таълими фанҳои «Фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС», «Молия ва қарз» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо» дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода бурда шуда истодаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомада барои рушди ҷараёнҳои сармоягузории хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и Ҷумҳурӣ ва минтақаи Хатлон асосҳои усулӣ ва амалӣ хоҳанд гашт. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон баҳодиҳӣ ва дурнамоӣ карда шаванд. **Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон метавонанд ҳангоми асосноккунии таъмини рушди ҷараёнҳои сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС истифода баранд. **Аҳаммияти иқтисодии диссертатсия** дар он аст, ки дар заминаи таҳқиқҳои назариявӣ, таҳлил ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ кор карда баромада шудааст, ки амалишавии онҳо боиси комёб шудан ба натиҷаҳои иқтисодӣ мегарданд. **Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия** дар он зуҳур мекунад, ки зиёдшавии корхонаҳои саноатию аграрӣ дар ҷумҳурӣ боиси пайдоиши ҷойҳои нави корӣ, пуррашавии буҷаи ҷумҳурӣ, ғанӣ гардидани бозорҳои озуқавории ватанӣ, муътадилии нархҳо ва дар маҷмуъ ба беҳшавии вазъи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат мекунанд.

**Сохтор ва мазмуни кори диссертатсионӣ**

Диссертатсия 187 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Кор аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо рӯйхати адабиёт иборат буда, 33 ҷадвал, 5 расм ва 2 диаграмма истифода шудааст.

Дар муқаддима (саҳ.4-14) мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ, ҳадаф ва масъалаҳои таҳқиқот бо муайян гаштани навоварӣ ва муҳиммияти амалию воқеии кор, объект ва усулҳои тадқиқот ва ғайра мушаххас карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии раванди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ»** ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити бозор, хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахш, усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС мавриди баррасӣ қарор гирифтааст(саҳ.15-33).

Дар боби мазкур муаллиф паҳлуҳои назариявии мавзуъро баррасӣ намуда, вобаста ба мафҳумҳои асосӣ мафҳумҳои «сармоягузорӣ» ва «маблағгузории асосӣ»-ро аз ҳамдигар ҷудо намуда, мавқеи худро дар

бобати мазмуни мундариҷаи онҳо муайян кардааст. Муаллиф ба мафҳуми асосӣ чунин шарҳ додааст: «сармоягузорӣ ин гузориши сармоя ба бизнес ё фаъолият (агар ба қонуну санадҳои ҳуқуқӣ мухолифат накунанд) бо мақсади гирифтани фоида ё ягон самараи дигари иҷтимоӣ мебошад» (с.27). Дар кори илмӣ қайд шудааст, маблағгузориҳои асосӣ ин хароҷотҳо барои сохтмони фондҳои асосии нав, васеъкунӣ, азнавбарқароркунӣ ва таҷдиди фондҳои асосии амалкунандаи корхона мебошанд" (саҳ. 27-28). Дар ин маврид, муаллиф мавқеи маблағгузории асосиро муайян карда, самтҳои асосии маблағгузориҳои асосиро пешниҳод намудааст (саҳ.29-30).

Дар боби мазкур таснифоти нисбатан батафсил ва аз ҳама пурраи сармоягузориҳо пешниҳод шудааст. Муаллиф аз рӯйи 16 нишонаи таснифотӣ сармоягузориро ба шаклҳо ҷудо намудааст:. (саҳ. 31).

Дар рисола диссертант принсипҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои агросаноатӣ таъсирбахшро бо назардошти муҳиммияташон ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст (саҳ.42-45).

Муаллиф дар диссертатсия нишондиҳандаҳои динамикӣ ва статикии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ва паҳлӯҳои мусбию манфии онҳоро натиҷагирӣ намуда, таснифоти нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалиро гурӯҳбандӣ намудааст (саҳ.62-64).

Дар боби дуюми рисола **«Арзёбӣ ва тамоюлҳои рушди сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои ҷумҳурӣ ва минтақаи Хатлон»** (саҳ.66-113) ҳолат ва тамоюлҳои рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он, ҳолати таъмини сармоягузориҳо дар истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон, таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар хоҷагиҳою корхонаҳои КАС-и минтақаи Кӯлоб арзёбӣ гардида, баҳо дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки иқтисодиёти дилхоҳ кишвар пайваста ба рушду равнақи равандҳои сармоягузорӣ ниёз дорад. Идоракунии равандҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурии мо мустақилона дар доираи иқтисодиёти худ ва минтақаву соҳаҳои он ба роҳ мемонад" (саҳ. 66). Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи таҳлил МУД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 44,6% афзоиш ёфтааст. Ҳамчунон, қайд кардан бамаврид аст, ки аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 11,9% ба вилояти Суғд, 25,4% ба вилояти Хатлон, 3,4% ба ВМКБ, 28,0% ба НТҶ ва 31,3% ба ш.Душанбе рост меояд. Аз ин таҳлил ҳамчунин бармеояд, ки аз рӯйи ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии вилояти Хатлон дар миқёси ҷумҳурӣ ҷойи сеюмро ишғол мекунад (саҳ. 67).

Дар боби мазкур муаллиф қайд менамояд, ки саноатикунонии истеҳсолоти агросаноатӣ, пеш аз ҳама, маънои бунёди фондҳои асосии навро дар истеҳсолоти номбурда дорад ва ин раванд нақши муҳимро

дар ҳаҷм ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо мебозанд. Дар ин раванд, вазъи сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ ташвишовар арзёбӣ мегардад, зеро дар солҳои 2019, 2020, 2021 ҳиссаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мувофиқан ба солҳо 0,2%; 0,1%; 0,1%-ро ташкил медиҳад (саҳ.71).

Дар зербоби 2.2 қайд шудааст, ки саноатикунонии истеҳсолоти КАС дар ду самт сурат мегирад, ки яке аз онҳо механизатсия ва автоматизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ва дигаре бунёди корхонаҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки дар ҳар ду ҳолат ҳам нақши сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои кишоварзӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Зеро ҳам механикунонӣ ва ҳам автоматикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ аз мавҷудият ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо вобастагии мустақим дорад. Бинобар ин, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ бояд дар ҳаҷми сармоягузориҳои ба соҳаи кишоварзӣ равонашуда тамоюл ба афзоиш дошта бошад.

Ҳамчунин, дар зербоби 2.3 диссертатсия муаллиф пурсишномаи субъектҳои хоҷагидории минтақаи Кӯлобро оид ба вазъи сармоягузориҳои онҳо анҷом додааст, ки натиҷаҳои он оид ба вазъи сармоягузории хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон маълумот медиҳад. Инчунин, дар ҳамин зербоби боби мазкур вазъи иқтисодӣ ва фаъолияти сармоягузории - ККТ «Сабз», ККТ «Хатлон», ККТ «Р.Қосимов», ККТ «Зарипов» дар ш.Кӯлоб, баъдан рушди фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосии корхонаҳои коркарди махсулоти озуқаворории минтақаи Кӯлоб( ҶСК Суғдиён орди ш.Кӯлоб, ҶСП Комбинати шири ш. Кӯлоб, ҶСК «Хоҷа Мумин» дар н. Восеъ, ҶДММ «Зоир А» дар н. Восеъ) ва сонияи вазъи иқтисодӣ ва фаъолияти сармоягузории чор корхонаи коркарди пахта( ҶСП «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил» дар н. Данғара, ҶДММ «Тиллои Сафед» дар ш. Кулоб, ҶДММ «Инсоф» дар н. Ҳамадонӣ, ҶДММ «Зиёратшоҳ» дар н. Фархор) дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2017-2021 дар ҷадвалҳо мушаххас таҳлил (аз ҷумла иқтидори истеҳсолӣ, баромади нахи пахта, хароҷотҳои истеҳсолӣ, маблағи фурӯш, суммаи фоида, сармоягузориҳо ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагидории ин корхонаҳо) ва баҳисобгирию арзёбӣ гардидаанд.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки муаммоҳои мавҷуда ва мушкилоти ба ин монанд, ки ҳалли онҳо ба саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ ва ташаккулу равнақи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва пайдоиши ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии деҳот мусоидат мекунанд, дар навбати худ ба коркарди самтҳо ва ҷустуҷӯйи роҳҳои муосири таъмини сармоягузории ҳадафи номбурда ниёз доранд.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Самтҳо ва роҳҳои беҳтаргардонии таъмини сармоягузории саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ»** (саҳ.114-166) танзими таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати кишоварзӣ дар доираи стратегия ва барномаҳои давлатӣ, сармоягузорӣ ба технологияи инноватсионии хоҷагиҳою корхонаҳои агросаноатӣ ва таҷрибаи хориҷии рушди сармоягузориҳои бахши аграрӣ ва имконоти истифодаи онҳо дар кишоварзии ҷумҳурӣ пешниҳод шудааст.

Дар диссертатсия омадааст, ки стратегия ва барномаҳои давлатии қабулгардида ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати он мусоидат мекунанд. Чӣ хеле, ки дар диссертатсия қайд гардидааст, дар давраи солҳои 1992 то 2021 дар КАС-и ҶТ, аз ҷумла бунёду азнавсозии инфрасохтори обрасонӣ, азхудккунии заминҳои нав, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо, таъминоти соҳаи кишоварзӣ бо техникаи зарурӣ, тухмиҳои аълосифат ва дастрасии субъектҳои хоҷагидор ба маблағгузории 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми беш аз 5,4 миллиард сомонӣ татбиқ шуд. Ҳоло дар ҶТ боз 7 лоиҳаи дигар ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст, (саҳ.116-121).

Дар рисола масъалаҳои сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ таҳқиқ гардида, хулосаҳои муаллиф дарҷ шудаанд. Аз таҳлилҳои муаллифи диссертатсия бармеояд, ки дар зарфи 30 соли истиқлолияти давлатӣ соҳаи кишоварзии мамлакат зина ба зина рушд намуда, дар соли 2021 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 183 ҳазор адад баробар гардида, ки ин шумора нисбат ба соли 2020 6,5 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 39,7 млрд сомонӣ, аз ҷумла ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ ба 28,7 млрд сомонӣ ва ҳаҷми умумии маҳсулоти чорводорӣ ба 11 млрд сомонӣ баробар гардида, суръати рушд мутаносибан 106,6, 105,9 ва 108,4 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар зиёда аз 23 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ҳамин радиф, муаллифи рисола қайд менамояд, ки саноатикунонии босуръати кишвар, аз ҷумла комплекси агросаноатии онро бояд ташаккул ва рушди инноватсионӣ ҳамроҳӣ кунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар ин маврид қайд кардаанд, ки маҳз корхонаҳою хоҷагиҳои ҳамин комплекс барои таъмини бехатарии аҳолии кишвар масъул мебошанд. Маълум аст, ки барои рушди инноватсияҳо дар кишоварзӣ ва КАС-и ҷумҳурӣ бояд асосҳои институтсионалии он ба вуҷуд оварда шавад. Аз нигоҳи аксари муҳаққиқон асосҳои институтсионалии рушди инноватсияҳо ин низоми меъёрҳо, қоидаҳои расмию ғайрирасмӣ мебошанд, ки асоси ташкили инноватсия ба ҳисоб рафта, гарави амалкарди бомуваффақияти бозори инноватсияҳо маҳсуб меёбад.

Дар диссертатсия омадааст, ки таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки танзими давлатии иқтисоди аграрӣ ва КАС ба

воситаи усулҳои мустақим (дотатсия, субсидияҳо) ҳамчунин бо ёрии фишангҳои ғайримустақим аз қабили андозҳо, боҷҳо, ихтисори воридот, ва ҳифзи бозори озуқаворechoии дохилӣ ба даст оварда мешавад. Ҳамзамон, ин сиёсат ба рушди интенсификатсияи кишоварзӣ, афзоиши ҳиссаи КАС дар МУД мусоидат намуда, рушди муътадилу инноватсионии ин давлатҳоро таъмин менамояд” (саҳ.158-159, 166).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои асосӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ ва тавсияҳои судманд барои рушди ояндаи саноатикунонии иқтисодиёт, ҷалбу истифодаи сармоягузорӣ дар ин самт дар соҳаи кишоварзӣ анҷом меёбад, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд (саҳ.167-172).

8 **Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои диссертатсияро дар худ инъикос менамояд. Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромадаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд.

9 **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқарраротои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Қобили қайд аст, ки дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи равандҳои сармоягузориҳоро, махсусан сармоягузориҳо ба сармояи асосиро дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон ба анҷом расонад. Саҳеҳӣ, дараҷаи навгониҳои бадастомада ва хулосаву

тавсияҳои рисолаи илмиро ба инобат гирифта, баъзе камбудиҳои таркибӣ ва сохтории корро қайд кардан бамаврид аст:

1. Хуб мешуд, ки дар боби аввали диссертатсия хусусиятҳои саноатикунонии иқтисодиёт дар асоси олимони ватанӣ ба таври васеъ баррасӣ ва мавқеи муаллиф дар самти сармоягузории рушди саноатикунонии иқтисодиёт муайян мегардид;
2. Дар ҷадвали 2.1.8 (саҳ. 77) оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ маълумотҳои рақамӣ пешниҳод гардидаанд, самтҳои татбиқшавии ин лоиҳаҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон номуайян мондааст;
3. Барои таҳлили сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, аз рӯйи соҳаҳо, нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ (саҳ. 66-79) маълумотҳо оид ба тамоюли рушди сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он, буриши соҳаҳо, сохтори такрористеҳсоли онҳо ва сохтори технологӣ дар шакли чадвалҳо (2.1.1., 2.1.4., 2.1.5., 2.1.6., 2.1.7) пешниҳод гардидаанд. Хуб мешуд, ки барои таҳлил ва арзёбии ҳолати сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ маълумотҳои якчанд шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон истифода ва муқоиса мегардиданд. Мувофиқи мақсад мебуд, ки дар боби 2-юм самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи ноҳияҳо, зерсоҳаҳои соҳаи кишоварзӣ ё корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил мешуд;
4. Хуб мебуд, ки модели такмилёфтаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти саноатикунонии иқтисодиёт дар сатҳи минтақа таҳия ва пешниҳод мегардид. Дар ин самт самараи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии ин лоиҳаҳо ба назар гирифта мешуд;
5. Хуб мебуд, ки дар диссертатсия ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян гардида, хулосаи мушаххаси муаллиф дар бораи истеҳсол ва коркарди саноати маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод мешуд.

Бояд таъкид кард, ки эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро кам намекунад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)» таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия Холов А.М. сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи молия ва қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 6 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 6 нафар, «зид» – нест, «бетараф» - нест (протоколи №11, аз 15.06.2024).

**Раиси ҷаласа:**
Дотсенти кафедраи молия ва
қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ Шукуров И.Ш.

**Муқарриз:**
Мудири кафедраи молия ва
қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобоев А.А.

**Котиби ҷаласа:**
Омӯзгори калони кафедраи молия ва
қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ Шарипов Х.П.

Имзои Шукуров И.Ш., Бобоев А.А.,
Шарипов Х.П.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

15.06.2024

Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Web-сайт: www.tajagroun.tj E-mail: rectortau31@mail.ru
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07